ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси **4.3.6. Паразитология** пешниҳод шудааст

1. Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Абдураҳимов С.Д. ба омӯзиши яке аз масъалаҳои калидии паразитологияи ветеринарӣ – ташхису пешгирӣ ва табобати пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор бахшида шудааст. Соҳаи омӯзиш ба бандҳои 3.3 - таснифоти муфтхӯрон, барангезандаҳои бемориҳои паразитии ҳайвонот ва одам; 3.13 - зуҳуроти клиникӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазионӣ; 3.14 - тадбирҳои умумӣ ва махсус оид ба пешгирӣ ва рафъи бемориҳои инвазионӣ, системаи пешгирии зоонозҳо ва антропозоонозҳои паразитӣ ва 3.15 - таҳияи воситаҳо ва усулҳои дезинвазия, дезинсексия ва дезакаризатсияи шиносномаи номгузории ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла байторӣ: аз рӯи ихтисоси 4. 3. 6. Паразитология мувофиқат мекунад.

2. Мубрамии мавзуи тадқиқот. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати аграрӣ буда, чорводорӣ яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти чорво, аз ҷумла гӯшт ва шир, аз зиёд намудани саршумор ва баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвонот вобастагии зиёд дорад. Яке аз омилҳои асосии паст шудани маҳсулнокии чорво бемориҳои паразитӣ, аз ҷумла пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор (тейлериоз, пироплазмоз ва бабезиоз) мебошанд. Ин бемориҳо боиси ақибмонии рушди ҳайвоноти ҷавон, фавт, забҳи маҷбурӣ, пастшавии маҳсулнокӣ ва хароҷоти зиёди табобатию пешгирикунанда гардида, ба хоҷагиҳои чорводорӣ зарари назарраси иқтисодӣ мерасонанд.

Пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, дар шароити экосистемаҳои гуногун паҳн гардидаанд. Тадқиқотҳои гузаронидашуда самаранокии як қатор маводи зиддипротозойӣ ва зиддимикробиро ҳангоми табобати ин бемориҳо нишон медиҳанд. Аз ҷумла, диамидин, имизол, бупарвакон, буталекс, хинин дигидрохлорид, фортикарб, верибен, имидосан ва окситетрасиклин-200 самаранокии баланди табобатӣ нишон додаанд. Истифодаи саривақтии маводи муосири зиддипаразитӣ дар якҷоягӣ бо чораҳои пешгирикунанда метавонад ба коҳиши талафоти чорво ва беҳтар намудани маҳсулнокии он мусоидат намояд.

Бо вуҷуди ин, масъалаи паҳншавӣ ва назорати пироплазмидозҳо ҳанӯз ҳам аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши эпизоотология, хусусиятҳои ташхис ва ташхиси тафриқавӣ, такмили усулҳои пешгирӣ ва табобат, инчунин интихоби маводи зиддипаразитии самаранок ва таъсири васеъ яке аз масъалаҳои мубрами паразитологияи муосир ба ҳисоб меравад. Тадқиқоти ҳамаҷонибаи ин бемориҳо барои беҳтар намудани вазъи эпизоотӣ, нигоҳ доштани саломатии чорво, коҳиш додани зарари иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии соҳаи чорводории Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Муаллиф бо истифода аз тадқиқоти саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ аҳаммияти баланди эпизоотологӣ ва иқтисодии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдорро нишон додааст. Натиҷаҳои тадқиқот зарурати таҳкими назорати эпизоотӣ, такмили усулҳои ташхис, сари вақт гузаронидани чораҳои пешгирикунанда ва табобатӣ, инчунин истифодаи самараноки маводи зиддипротозойиро муайян менамоянд. Ин масъала яке аз самтҳои муҳими ветеринария буда, ҳалли он барои нигоҳ доштани солимии чорво, пешгирии талафоти иқтисодӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии чорводорӣ аҳаммияти муҳим дорад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Баъд аз чандин даҳсолаҳо дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ фауна ва паҳншавии пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун ба таври муфассал таҳти омӯзиш қарор гирифтанд; дараҷаи сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо вобаста ба синну сол ва зоти чорво, инчунин моно- ва инвазияи омехтаи ин паразитҳо ошкор карда шуд.

Бори аввал ба таври расмӣ самаранокии ваксинаи заифкардашудаи истеҳсоли ширкати дорусозии «Дорса Парс Тус»-и Эрон, ки аз штамми S_{15}-и *Theileria annulata* таркиб ёфтааст, дар шароити эксперименталӣ бо риояи талаботҳои меъёрӣ муайян карда шуд, ки он 100%-ро ташкил менамояд.

Самаранокии якчанд маводи зиддипротзойии муосир дар ҷанбаи муқоисавӣ ҳангоми сироятёбии алоҳида ва омехтаи пироплазмидаҳо ба таври расмӣ муайян карда шуда, нақшаи такмилёфтаи пешгирӣ, муолиҷа ва системаи тадбирҳои пешгирию мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор таҳия карда шуд.

Фаунаи муосири канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ

муфассал омӯхта шуда, инчунин самаранокии якчанд маводи инсектоакаритсидии муосир ҳангоми каназании чорво муайян карда шуд.

Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд инҳо мебошанд:

- намудҳо ва дараҷаи паҳншавии пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун вобаста ба синну сол ва зот, инчунин моно- ва инвазияҳои омехтаи онҳо омӯхта шуд;

- фаунаи канаҳои иксодӣ - интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шуд;

- усулҳои табобат, пешгирӣ ва мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор тарҳрезӣ шуд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда. Асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо бо ҳаҷми зиёди маводи таҳқиқшуда, натиҷаҳои таҷрибаҳои гузаронидашуда, коркарди омории маълумоти бадастомада, инчунин маводи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда тасдиқ мегардад. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи илмии натиҷаҳои тадқиқот асос ёфтаанд.

5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар ҳаҷми 154 саҳифа аз муқаддима, баррасии адабиёт, тавсифи табиӣ-иқлимии минтақаи тадқиқот, мавод ва усулҳои тадқиқот, 13 зерфасли тадқиқоти муаллиф, муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар рӯйхати адабиёт 273 манбаи илмӣ, аз ҷумла 62 манбаи хориҷӣ оварда шудааст. Диссертатсия бо 11 ҷадвал ва 3 расм, ки ба мавзуи тадқиқот мувофиқ буда, бо услуб ва баёни хос таҳия шудаанд, ороиш гардидааст.

Дар замимаҳо мавод ва ҳуҷҷатҳое ҷой дода шудаанд, ки аҳаммияти илмӣ ва татбиқии диссертатсияро пурра тасдиқ мекунанд.

Дар боби 1 – *Шарҳи адабиёт* маълумоти умумӣ оид ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, паҳншавӣ ва аҳаммияти эпизоотологии онҳо, намудҳои барангезандаҳо ва канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳанда, хусусиятҳои эпизоотологӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳо, инчунин чораҳои мубориза бар зидди интиқолдиҳандагонро ба таври муфассал дар бар мегирад. Дар адабиёт вазъи пироплазмидозҳо дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳо, таъсири шароити табиӣ-иқлимӣ ва мавсимияти фаъолияти канаҳо низ баррасӣ шудааст. Хулосаи боби адабиёт нишон медиҳад, ки муаллиф ба тадқиқоти аслӣ ва муосир оид ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор огоҳии хуб дошта, зарурати

омӯзиши минбаъдаи вазъи эпизоотӣ, ташхиси бармаҳал ва такмили чораҳои пешгириву мубориза бар зидди ин бемориҳоро асоснок намудааст.

Дар боби 2 – *Мавод ва усулҳои тадқиқот* муоинаи клиникӣ ва ҷамъоварии маводи биологӣ аз чорвои калони шохдор, муайян намудани намуд ва дараҷаи паҳншавии канаҳои иксодӣ, ташхиси микроскопии молишакҳои хун бо усули Романовский–Гимза, тадқиқи патологоанатомӣ, арзёбии самаранокии ваксина ва маводи зиддипротозойӣ, инчунин коркарди омории натиҷаҳои бадастомада имкон фароҳам оварданд, ки хусусиятҳои эпизоотологӣ, ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунандаи пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистон бо эътимоднокии баланд муайян карда шаванд. Боб аз ҷиҳати методологияи илмӣ асоснок буда, маҷмӯи усулҳои муосир ва анъанавии тадқиқотро дар бар мегирад.

Дар боби 3, яъне дар мавриди натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ муаллиф маълумоти заруриро оид ба таҳлили вазъи эпизоотии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, муайян намудани намудҳо ва дараҷаи сироятёбии чорво аз *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica*, омӯзиши вобастагии паҳншавии бемориҳо аз минтақаи баландӣ, синну сол, зот ва мавсим, инчунин муайян намудани шаклҳои сироятёбии омехта ба даст овардааст. Ҳамзамон, фауна ва паҳншавии канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳандагони пироплазмидозҳо, самаранокии ваксинаи зидди тейлериози чорвои калони шохдор аз штамми S15 ва маводи зиддипротозойӣ, инчунин таъсири инсектоакаритсидҳо бар зидди канаҳои иксодӣ ва ҳангоми коркарди биноҳои чорводорӣ таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки паҳншавии пироплазмидозҳо бо шароити экологӣ, мавсимияти фаъолияти канаҳо ва хусусиятҳои синнусоливу зотии чорво алоқаманд буда, истифодаи ҳамзамони чораҳои табобатӣ, эмгузаронӣ ва мубориза бар зидди интиқолдиҳандагон барои пешгирии ин бемориҳо аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳлили натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалии ветеринарӣ буда, барои такмили чораҳои ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунанда бар зидди пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:

Аҳамияти илмӣ. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошанд, зеро вазъи эпизоотии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, дараҷаи паҳншавии *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica*, инчунин нақши канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳандагони онҳо муайян карда шудааст. Самаранокии ваксинаи зидди тейлериози чорвои

калони шохдор аз штамми S15, маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакаритсидҳо омӯхта шуда, чораҳои самараноки пешгирӣ ва мубориза бар зидди пироплазмидозҳо пешниҳод гардидаанд.

Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои такмили ташхис, пешгирӣ ва табобати пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор ва беҳтар намудани назорати эпизоотологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ. Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои тадқиқот имкони баланд бардоштани самаранокии ташхис, пешгирӣ ва мубориза бар зидди пироплазмидозҳои чорвои калони шохдорро фароҳам меоранд. Самаранокии ваксинаи зидди тейлериози чорвои калони шохдор аз штамми S_{15}, маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакаритсидҳо муайян карда шуда, усулҳои мувофиқи табобат ва пешгирии пироплазмидозҳо пешниҳод шудаанд. Истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар таҷрибаи ветеринарӣ, марказҳои ташхисӣ ва хоҷагиҳои чорводорӣ барои баланд бардоштани сатҳи назорати эпизоотологӣ ва пешгирии талафоти иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Аҳаммияти иқтисодӣ. Тадқиқот аз ҷиҳати иқтисодӣ аҳаммияти назаррас дошта, татбиқи чораҳои самараноки ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳо ба коҳиши талафоти чорво ва баланд гардидани маҳсулнокии он мусоидат менамояд. Истифодаи самараноки маводи зиддипротозойӣ, ваксина ва инсектоакаритсидҳо имкон медиҳад, ки хароҷоти табобат ва талафоти иқтисодии вобаста ба беморӣ коҳиш дода шуда, самаранокии хоҷагиҳои чорводорӣ баланд бардошта шавад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ. Тадқиқот аз ҷиҳати иҷтимоӣ низ муҳим буда, беҳтар намудани назорати пироплазмидозҳо ба ҳифзи саломатии чорво, баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва таъмини устувории хоҷагиҳои деҳот мусоидат менамояд. Такмили чораҳои пешгирикунанда ва назорати канаҳои иксодӣ барои беҳтар намудани вазъи байторию беҳдоштӣ ва таъмини маҳсулоти босифати чорводорӣ аҳаммияти муҳим дорад.

7. Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар асоси маводи илмии диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқот аз ҷониби ҷомеаи илмӣ пазируфта шуда, арзиши назариявӣ ва амалии онҳо тасдиқ мегардад.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ. Соҳаи омӯзиш ба бандҳои 3.3 - таснифоти муфтхӯрон, барангезандаҳои бемориҳои паразитии ҳайвонот ва одам; 3.13 - зуҳуроти клиникӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазионӣ; 3.14 - тадбирҳои умумӣ ва махсус оид ба пешгирӣ ва рафъи бемориҳои инвазионӣ, системаи пешгирии

зоонозҳо ва антропозоонозҳои паразитӣ ва 3.15 - таҳияи воситаҳо ва усулҳои дезинвазия, дезинсексия ва дезакаризатсияи шиносномаи номгузории ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла байторӣ: аз рӯи ихтисоси 4. 3. 6. Паразитология мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ва автореферати баррасишуда ҳамчун кори илмии анҷомёфта арзёбӣ гардида, дар онҳо натиҷаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ оид ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Тадқиқот тамоми фаслҳо, бахшҳои илмӣ ва методологии заруриро дар бар гирифта, бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳия шуда, ба ҳалли масъалаҳои муҳими эпизоотологӣ, ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунанда равона гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат аз ҷиҳати мазмун ва сохтор бо ҳам мутобиқ буда, бо риояи талаботи илмӣ таҳия шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот бо ҷадвалҳо ва маводи ороишӣ асоснок гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ аз натиҷаҳои бадастомада бармеоянд.

Бо баҳои умумии мусбат ба кори илмии анҷомёфта, зарур мешуморам хулосаи зеринро баён намоям, ки эродҳои пешниҳодшуда арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш надода, ба боэътимодии натиҷаҳои тадқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ ва амалии диссертатсия, дар он баъзе норасоиҳо ва масъалаҳои таҳрирталаб ба назар мерасанд:

1. Бо кадом сабаб муаллиф омӯзиши муфассали вазъи эпизоотии анаплазмозро дар доираи тадқиқоти мазкур анҷом надодааст?

2. Оё муқоисаи самаранокии ваксинаи эронӣ бо дигар ваксинаҳои зидди тейлериози чорвои калони шохдор барои арзёбии афзалиятҳои он мувофиқи мақсад набуд?

3. Аз чӣ сабаб сатҳи сироятёбии чорво ба пироплазмидозҳо дар минтақаҳои водӣ ва доманакӯҳӣ нисбат ба минтақаҳои баландкӯҳӣ бештар ба қайд гирифта шудааст?

4. Дар баъзе ҷадвалҳо шарҳи муқоисавии нишондиҳандаҳо каме маҳдуд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки эроду пешниҳодҳои овардашуда аҳаммияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмии кори диссертант таъсири манфӣ намерасонанд.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология пешниҳод шудааст, кори илмии анҷомёфта, мустақилона ва дорои аҳаммияти илмӣ ва амалии назаррас мебошад. Натиҷаҳои бадастомада бо маводи кофии тадқиқотӣ, истифодаи усулҳои муосири ташхис ва коркарди омории маълумот асоснок гардида, барои такмили чораҳои ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунандаи пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор аҳаммияти муҳим доранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат намуда, муаллифи он – Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Дотсенти кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои биологӣ Камолов Н.Ш.

21 сентябри соли 2026

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ҳаким Карим - 52.
Телефон: (+992) 927620834
E-mail: kamolovvet@mail.ru

Имзои Камолов Н.Ш. – ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати иҷро Юсупова М.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТИ ИҶРО

Суроғаи муассиса: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ - 226
Телефон: (+992 3422) 60454, (+992) 927620834
E-mail: director@polytech.tj,

28 сентябри соли 2026